# 10 00 00 ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГИЯ
# 10 00 00 ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 10 00 00 PHILOLOGICAL SCIENCES

## 10 01 10 ЖУРНАЛИСТИКА
## 10 01 10 JOURNALISM

***УДК 82***
***ББК 83.3 тад***

***СИМОИ ҲАМЗАМОНОН ДАР «РӮЗНОМА»-И САДРИ ЗИЁ***

***Қоситова Ӯгулой Абдурафиқовна,***
*муаллимаи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумонии ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОБЛИК СОВРЕМЕННИКОВ В «РУЗНАМЕ» САДРИ ЗИЁ***

***Коситова Угулой Абдурафиковна,***
*преподаватель кафедры журналистики и теории перевода ХГУ им. акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***THE IMAGE OF CONTEMPORARIES IN «RUZNAME» BY SADRI ZIYO***

***Kositova Ughuloy Abdurafikovna,***
*teacher of the department of journalism and theory of translation under Khujand State University named after academician B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *kositova-sh@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *Садри Зие, «Рузнаме», облик современников, внешний вид, внутренние качества, биографические сведения*

*Статья посвящена изучению «Рузнаме» Садри Зие, одним из аспектов которой является описание автором поэтов-современников. Отмечается, что автор «Рузнаме» при создании образов своих современников уделяет особое внимание их истинной природе и человеческим качествам, сообщает многочисленные сведения о литераторах и их творчестве, а также, опираясь на биографии и творчество знаменитых литераторов таджикской литературы, оценивает уровень знаний и талантов поэтов и ученых. Автор статьи приходит к выводу о том, что «Рузнаме» предоставляет возможность ознакомиться с некоторыми неосвещенными моментами жизни поэтов и ученых, а также с уровнем их писательского мастерства.*

***Key words:*** *Sadri Ziy,* ***«Ruzname»,*** *image of contemporaries,outward sight inner gualities, reminiscences, biographical data*

*The article dwells on the study of* ***«Ruzname»*** *by Sadri Ziyo which is one of the aspects in regard to the author`s portrayal of the poets being his contemporaries. It is marked that the author of* ***«Ruzname»*** *when creating the image of his contemporaries pays special attention to their genuine nature and human qualities; She presents numerous information concerned with both men-of-letters and their creations. Proceeding from the biography and creations*

*belonging to the outstanding man-of-letters of the Tajik literature, the author evaluates the level of knowledge and talent of poets and scientists as well. The author of the article comes to the conclusion that **«Ruzname»** presents an availability to familiarize with a number of some yet un-elucidated moments of poets` and scientists` life and with the level of their writing mastership as well.*

«Рӯзнома» аз лиҳози мавзӯъ яке аз калонтарин асари Шарифҷон махдуми Садри Зиё маҳсуб меёбад. Он аз 500 саҳифа иборат буда, хусусияти ёддоштӣ дорад. Дар «Рӯзнома»-и Шарифҷон махдуми Садри Зиё симои ҳамзамонон ҷойгоҳи хоса дорад. Қисмати асосии ҳамзамонони ӯ дар мисоли шоирону фозилони давр арзёбӣ шудаанд. Барои он ки моҳияти фарогирии симои ҳамзамонон дар ин асар равшантар гардад, тасмим гирифтем ин асарро дар робита ба осори тазкиравии муаллиф мавриди гуфтугӯ карор диҳем. Садри Зиё тазкиранигори номвари ибтидои асри XX аст, ки муҳимтарин кори ӯ дар ин замина таълифи тазкираи манзуми «Тазкори ашъор» ва силсилаи тазкираҳои дигар мебошад. Асари дигари Садри Зиё, ки аз омезиши сабки илмиву адабӣ ва публитсистӣ фароҳам омадааст, «Наводири Зиёия» мебошад, ки як бахши муҳими он ахбори тазкиравиро оид ба зиндагиву осори шоирону фозилони давр дар бар мегирад.

Дар «Рӯзнома»-и Садри Зиё низ ҳикояҳое аз рӯзгору намунаи осори шоирони замон фароҳам омадааст, дар шинохти таърихи адабиёти садаҳои охири Мова-роуннаҳр аҳамияти пурарзише дорад. Қисматҳои марбут ба шеъру шоирии «Рӯзнома» аз ҷониби шодравон Саҳобиддини Сиддиқ ҷудо гардида, онро М. Шакурӣ ба унвони замимаи дувуми «Тазкори ашъор» чопи Теҳрон ҷой додааст, ки мутолиаи он дар қиёс бо осори дигари муаллиф барои равшан кардани бисёре аз саҳифаҳои норавшани таърихи адабиёти тоҷик дар ин давра арзишманд аст.

Садри Зиё дар такмилаи «Тазкират-уш-шуаро»-и нотамоми Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам низ аз ин шева пайгирӣ кардааст. Донишманди марҳум Асғари Ҷонфидо ҳангоми нашри асари Мӯҳтарам иловаҳои Садри Зиёро ба он замима кардааст. М. Шакурӣ такмилаи мазкурро ба нашри эронии «Тазкори ашъор» ба сифати замимаи аввал ворид кардааст, ки дар натиҷа маҳорати тазкиранигории Садри Зиё ба гунаи комил ва васеъ намудор гардид. Ин санад дар шинохти сарчашмаҳои ин давра ва ошноӣ бо раванди таҳаввулоти адабиёти он замон маводи ҷолибе медиҳад.

Яке аз нуктаи муҳим ва ҷолиби таваҷҷӯҳи ин навиштаҳо офаридани симои шоирони ҳамзамони муаллиф мебошад. Масалан, Садри Зиё дар такмилаи худ ба «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам дар мавриди шоир Зуфунун чунин иттилои ҷолибе медиҳад:«Чун атвори абнои рӯзгорро намеписандид, хусусан аз аҳли дарбори амир бисёр танаффур дошт, ин нафрати худро биттабъ изҳор ҳам мекард, лоҷарам саломатро дар девонагӣ ёфта буд. Бино бар ин ҳама ақлу зако ва фазлу камол худро сохта девона ба қалам медод, то ки аз ҳар гуна бозхост эмин бошад» (4, с.305).

Муаллиф дар мавриди офаридани симои ҳамзамонони худ ба асли табиат ва сиришти инсонии шоирон таваҷҷӯҳи хос дорад. Масалан, дар мавриди Савдо мегӯяд: «Бо хурду бузург яксон, аз кибру ғурур ҳаросон» (4, с.329).

Садри Зиё бо истеъдоди вежаи шинохти инсонӣ сирату сурати шуароро ба ҳам оварда, кӯшиш кардааст, ки сирати шуароро ошкор намояд. Ба хислати Афзал чунин баҳо медиҳад, ки «ба сабаби эҳёи номаш миннати бузург ниҳодааст» (4,с.219). ШоирТаҳсинро «сӯҳбаташ сабук ва пурфоида аст. Дараҷаи ҷомеияташ ва шеърши-носиаш аз шоириаш болотар» (4, с.241-242).

Дар «Наводири Зиёия» дар мавриди Охунди Домулло Ҳасан ном намояндае омадааст: «…бо вуҷуди ин қадар фазлу камол дар умури расмӣ ва муомилоти урфӣ мисли охунди домулло Шер ва қозикалони Шал зиёда содаву бевуқуф буданд»(5, с.34).

Дар бораи Комил ном шоир мегӯяд: «Ба иллати худбинӣ чандон мақбули авом ва матбӯи хос нест» (4, с.243).

Ҳамин тавр, дар тасвири Садри Зиё шоироне чун Афлокӣ «суратан гов, сиратан хар», Камолӣ «ҳарчанд камоле дошт, бинобар тангии маош халал ва залал ба аҳволаш рӯ оварда» (4, с.245), Лутфиро «талоқате аст, ки ҳамнишинонаш хурсанд ва садоқате аст, ки дӯстонаш баҳраманд, афсӯс аз ин ҳама фазлу камол умраш сарфи теззабонӣ ва хурдагирӣ ва шуғлаш вақфи эътирозпазирӣ», Муҳаррам «ҳарчанд ниҳоли истеъдоди шеъриаш баркамол аст, ӯ худ заифҳол аст» (4, с.249), Мазнаб «шахсе аст соҳибфарҳанг, ба бӯю ранг номағрур ва ба намоишу ороиш номасрур», «бо вуҷуди тангдастӣ фароххиммат» (4, с.254), Назмӣ «бурҳонзани дағ-дағаи мовуманӣ» (4, с.267) мебошанд.

Садрӣ Зиё Мӯҳтарам ва Назмиро хеле коҳиш карда, дар мавриди Навҳа мегӯяд, ки «умри худро сарфи мастиҳо ва вақфи бодапарастиҳо мекард» (4, с.270).Возеҳро барои он интиқод мекунад, ки «ба эътибори таассуби бемаврид ва тааррузи бемаҳал худро ҳадафи эътирози халқ сохта ва аҳволи худро дар муаллафот ва қасида теъдоди алфозияш аён намуда» (4, с.271).

Аз назари Садри Зиё Муллозода «забоне дошт чун шамшер тез, хоса дар ҳангоми ситез» (4,с.285), Офарин «аксари аҳбобашро ранҷонида ва ранҷида» (4, 284),Афзал - махдуми Пирмастӣ «бинобар хиффати мизоҷ дар авосити умри худ ба устоди мазкур осӣ шуда, аз ҷодаи тааббуд инҳироф варзид» (4, с.288),Сомӣ «ғаюр, мутаассиб… охируламр ном ба сабукӣ ва кӯрнамакӣ баровард», Шоҳин «ғарраи фазлу камол» (4, с.313).

Садри Зиё дар «Рӯзнома» низ зимни нақлу ёддошт дар мавриди аҳли адаб ва эҷодиёти суханварони муосир маълумоти зиёд фароҳам овардааст. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда, доир ба эҷодиёти Шоҳин, Айнӣ, Ҳайрат, Саҳбо, Савдо ва дигарон ба сифати муҳаққиқ баҳои муносибе додааст.

Бо бархе аз нақду назар ва ақоиди адабии Садри Зиё ошно мешавем. Масалан, дар баёни симои Айнӣ чунин овардааст:

*Яке аз наҷибони равшанравон,*
*Ки дорад ватан хиттаи Ғиждувон.*
*Ба фазлу ҳунар шӯҳраи хосу ом,*
*Лақаб Айнӣ Садриддинхоҷа ном.*
*Ба мулки сухан Айнии хушбаён,*
*Чу шамъ аст урёну равшанравон.*
*Ба назму ба насри сухан довар аст,*
*Зи насраш, вале назми ӯ хуштар аст…*

Садри Зиё дар баробари офаридани симои Айнӣ ба ҳунари шоирии ӯ баҳои дуруст медиҳад ва назми Айниро нағз мешуморад. Ин маънӣ муҳимтарин хусусиятҳои нақди адабии маорифпарварӣ дар тазкираҳои Садри Зиё мебошад. Дар «Наводири Зиёия» симои ҳамзамонони муаллиф дар сурати мадҳу зам, бадеҳа ва суолу ҷавоби шуаро сурат гирифтааст. Аз ҷумла, омадааст, ки вақте овозаи шӯҳрати фазлу камоли Шамсиддин махдуми Шоҳин ба гӯшҳо мерасад, Садри Зиё ба воситаи Назруллоҳи Лутфӣ ашъори ӯро талаб мекунад. Пас, Шоҳин бадоҳатан қасидаеро суруда ва фиристода, ки матлааш ин аст:

*Шеъре баланд тарҳ кун, он сон ки рифъаташ,*
*Бар фарқи офтоб ниҳад пои ифтихор…*

Шоҳин гуфтанист, ки авҷи рифъати шеър дар баландиҳо ва пои ифтихори он бар фарқи офтоб қарор дорад.Шоҳин мисли Аҳмади Дониш мадҳро аз шеър берун мекашад. Вай мадҳе, ки аз умед, хоҳиш ва тамаъ сар мезанад, ба дигарон фахр ва барои худаш ор донистааст.

Садри Зиё кўшидааст, ки мавқеи Аҳмади Донишро дар таърихи афкори иҷтимоии халқи тоҷик муайян ва арзиши осори ўро бозгўй кунад. Аз диди Садри Зиё Аҳмади Дониш дар шеър Саъдии Шерозӣ, дар наср Ҳусайни Кошифӣ буд. «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Меъёр-ут-тадайюн» «шоҳиди ҳол ва гувоҳи мақол» аст. Хусусан, «Наводир-ул-вақоеъ»-ро асари дорои «ибороти содаву равшан» ва «бетакаллуфона» арзёбӣ карда, «латофати алфозу пароҳати маънии» онро таъкид менамояд.

Ҳамин тавр, дар навиштаҳои Садри Зиё симои суханварони аҳд дар бисёр маврид сурат гирифтааст. Аз ҷумла, Қурбонхони Фитрат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Мўҳтарам, Абдулқодирхоҷаи Савдо ва дигарон.

Тибқи ахбори Садри Зиё Афзал махдуми Пирмастӣ – муаллифи «Тазкират-уш-шуаро» аз шогирдони Аҳмади Дониш буд,ки ба сабаби бетамизӣ ва бепарҳезӣ дар ниҳоди ў ду нафар хидматгорони Дониш–Қорӣ Кароматти танбўрӣ ва Қорӣ Неъматро дар рубоие ҳаҷв мекунад. Шоҳин дар ҷавоби ў «қасидаи ғаррое» дорои «лаолии обдор» дар мадҳи Дониш ва мазаммати Афзал гуфтааст. Мулло Абдулмаҷиди Музтариб дар мухаммасе ба ин қасидаи Шоҳин «фикри гуҳарсанҷ»-ро калиди «ганҷи сеҳр» ва «табъи сухандон»-ро маҳаки «нақди фикр» маҳсуб медонад:

*Бар ганҷи сеҳр фикри гуҳарсанҷи ту калид,*
*Бар нақди фикр табъи сухандони ту маҳак.*

*Садри Зиё Мунзимро «андалеби хушовози назм» шуморидааст:*

*Бувад Мунзим он зиннатафзои наср,*
*Китоби хирад, маҳфилорои наср.*
*Бувад андалеби хушовози назм,*
*Ба мулки сухан маҳрами роҳи назм.*
*Ба манзуму мансур донишвар аст,*
*Вале рутбаи насри ў бартар аст.*
*Дар ин шеваи фозилони замон,*
*Чу Мунзим касе нест мақбуламон.*
*Каломаш мурассаъ чу теғи забон,*
*Саросар латофат чу оби равон.*

Дар фаҳмиши Садри Зиё наср «шеваи фозилони замон» аст, ки Мунзим зиннатафзои он мебошад, аммо устод Айнӣ хабар медиҳад, ки «Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим на дар он вақтҳо ва на пас аз револютсия як порча ҳам ба маънои имрўза насри адабӣ-бадеӣ нанавиштааст»(6, с.14).

Садри Зиё бо такя ба шарҳи ҳол ва рўзгору осори адибони номвари таърихи адабиёти тоҷик ба дараҷаи маърифат, қареҳа ва истеъдоди шоирону фозилон мепардозад. Ў ҳангоми баҳогузорӣ ба ҳунари шоирӣ ва маҳорати адабии шуаро бо ибораву ҷумлаҳои кўтоҳу мухтасар мулоҳиза ва андешаҳои илмиашро ба таври равшан баён мекунад.

Масалан, маълумоти Садри Зиё дар «Рўзнома» оид ба 75 чўб ҷазо гирифтани Айнӣ ба ин тарз сурат гирифтааст: «…баъд аз воқеаи ҳолиаи дирўза вақте дар Арки Бухоро ба хонаи тангу торик бешуур афтода будам, бародари муҳтарамам мулло Садриддинхоҷаи Ғиждувонии Айнитахаллусро… дар ҳадди зоташ ранҷуру

касалманд буд, аз мадрасаи Кӯкалтош ба ҳоли аҷибе оварда, ба дарвозаи Арки Бухоро бераҳмона ва бешармона амиру вазир ба иқтизои аҳли балво ҳафтоду панҷ чӯб таъзир кардаанд ва ба яке аз маҳбасҳои он ҷо, ки Обхона меноманд, ба ҳамон ҳол андохтанд» (3, с.268).

Ҷои дигар перомуни Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ чунин навиштааст: «…дар авоили ҳол чанде ҳамроҳи Хоҷӣ Азим ном Шаръитахаллус, ки ба раёсати вилояти мазкур маъмур, ба аксари камолоти расмия мавсуф ба ахлоқи замимаи нависандагӣ... бандаи кулфат расида, ба суҳбати саросар фарҳаташ ҳамеша толиб аз шари ифтиробандиаш ҳама дам хоиф, ба андак фурсат он бечора аз дасти соқии аҷал ҷоми фано нӯшида аз маъмураи ҳаёт ба мастураи мамот нузул ва ҳубут фармуда, матлаи девони умраш ба мақтаъ анҷомид» (3, с.129).

«Рӯзнома»-и Садри Зиё оид ба фаъолияти эҷодӣ ва зиндагии шуаро ва шинохти ҳунари нигорандагии суханварон мусоидат мекунад. Баҳои Садри Зиё ба завқу салиқа ва маҳорати адабии шоирон мунсифона мебошад. Ӯ адибони маъруфи замон Аҳмади Дониш, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддини Шоҳин, Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Садриддин Айнӣ ва дигаронро бисёр сутуда, ба шоирони дигар ба таври умумӣ баҳо медиҳад.

Аз мӯҳтавои осори Садри Зиё, аз ҷумла «Рӯзнома» маълум мешавад, ки муаллиф перомуни дӯстону ҳамнишинон ва ҳамфикрону ҳамкорони худ дар бештари маворид ёд кардааст. Дар ин бора Садриддин Айнӣ низ таъкид мекунад, ки аҳли завқ, донишмандону суханварон бо Садри Зиё иртиботи маънавию фарҳангӣ доштаанд. Доираи ҳамнишинон ва дӯстони Садри Зиё аз минтақаҳои гуногун будаанд. Дар миёни дӯстони шоир аҳли фазли вилояти Хатлон низ ҳастанд. Мавсуф дар рисолаи «Набзе аз гузоришоти аҳволи бандаи шикастабол…» Шаҳобиддин-махдуми хатлонӣ мутахаллис ба Афсарро аз наздиктарин дӯстони худ дониста, дар бораи Афсар ва Шоҳин чунин навиштааст: «Он ду нафар аҳиббо роқими саводанд» (1,с. 37).

Садри Зиё, бахусус нисбат ба Шамсиддини Шоҳин эҳтироми зиёд доштааст. Шоҳин низ бо вуҷуди он ки «аз роҳи ғурур ба касе иқрор ва ба камолоти дигаре муътариф набуд… қасидаи ғаррое дар мадҳи Дониш гуфта… басе лаолии обдор суфта » (2, с.48) буд, дар ситоиши Садри Зиё низ қасидае дорад ва аз ҷумла гуфтааст:

*Бошад зи фикри соқибу маънии равшанат,*
*Хуршед дар баробару оина дар канор.*
*Ҷуз табъи софи ту, ки дорад сафои об,*
*Дар мазраи камоли ту касе нест обёр...*
*Маҳкам бувад иродати ту дар замири ман,*
*Чунон ки сим дар дили санг аст устувор.*
*Шоҳин ҳамеша сайди кабӯтар кунад, вале*
*Ин турфа шуд кабӯтари хулқи туро шикор.*

Ин аст, ки Шоҳин ва Садри Зиё бо якдигар унсу алоқаи бештар доштанд ва қадру манзалати худро медонистанд. Шоҳин бо падари Садри Зиё низ эҳтироме дошта ва ӯро «хидеви замона» хондааст.

Аз ин рӯ, «Рӯзнома»-и Садри Зиё барои омӯхтани тарҷумаи ҳол ва фаъолияти эҷодии адиб ва олимони охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ маъхази гаронбаҳо мебошад. Масалан, Садри Зиё дар асар доир ба шоир ва тазкиранависи ин аҳд, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ чунин маълумот додааст: «Абдӣ дар шоирию шеършиносӣ

низ саромади рӯзгор ва дар назму наср низ муғтанами ин диёр аст. Табъи салиму зеҳни мустақил дорад» (3, с.183).

Дар «Рӯзнома»-и Садри Зиё маълумот перомуни муллоҳо, қозиҳо ва шахсиятҳои фарҳангии замон аз ҷумлаи Мулло Холмуроди ӯроқ Муфтӣ, Шафқатуллоҳхоҷа ӯроқ муфтӣ, Наҷмиддин-махдуми ӯроқи муфтӣ, мулло Қутбиддини ӯроқ муфтӣ, Ибодуллоҳхоҷа хатиби Масҷиди Калон, Мирзо Муҳиддин, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳоҷӣ Абдуррауф, Аҳмадҷони Махдум, Ҳамдии Муҳйиддин, Махдум Рифъат, Садриддинхоҷаи Айнӣ, Мулло Бурҳониддин Судури Самарқандӣ, Қозӣ Мирзо Ҳикматуллоҳи Махдум, Мирзо Иноятуллоҳ Судур, Мирзо Кароматуллоҳ ва ғ. ҷиҳати шинохти чеҳраҳои адабӣ ва вазъи фарҳангии он давра аҳамияти беандоза дорад.

Дар «Рӯзнома» ҳамчунин симои олимон Мулло Имомиддин охунд, Ҳоҷӣ-домулло Икроми судур муфтӣ, Абдусамадхоҷаи судури раис, Орифхоҷа судури муфтии аскар, Исмоилхоҷа ӯроқ муфтӣ, Юсуф-махдуми ӯроқ муфтӣ, Муллошоҳи ӯроқ муфтӣ, Музаффархоҷаи ӯроқ муфтӣ, Мулло Холмуроди ӯроқ муфтӣ, Шафқатуллоҳхоҷаи ӯроқ муфтӣ, Наҷмиддин-махдуми ӯроқи муфтӣ, Мулло Қутбиддини ӯроқ муфтӣ, Ибодуллоҳхоҷа, Бурҳонхон, тоҷирон – Абдурауфи Корвонбошӣ, Ҳоҷӣ Ҷӯрабек, Ҳоҷӣ Юсуфбой, тариқаталабон Мирзо Муҳйидин, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳоҷӣ Абдурауф, Аҳмадҷони Махдум, Ҳамдии Муҳйиддин, Махдум Рифъат, Садриддинхоҷаи Айнӣ, элчиён – Миллер, Шулка, Вадинский, Атохоҷаи тӯқсабо, қорӣ Мирзоғулом ва даҳҳо дигар оварда шудааст.

Ҳамчунин, Садри Зиё дар «Рӯзнома» перомуни баъзе суханварон, ки ҷуз шоирӣ ба ҳунари хаттотӣ шуғл доштаанд, хабар медиҳад. Зимнан бояд қайд кард, ки худи Садри Зиё аз ҷумлаи котибони хушхати замони худ маҳсуб мешуд, ки перомуни ин дар «Рӯзнома» ишороти муаллиф ба тариқи зайл ҷой дорад:«…пеш аз ин чанде аз номдорони ин фан (мурод аз ин фан хаттотӣ аст. – Ў. Қ.) буд, аз қабили қозӣ Абдулвоҳид Садри Балхӣ, Қози Абулҳайхоҷа судури Самарқандӣ, ки фоиқулақрони фориси ин майдон буданд, аксар аз ғайри мусаввада чизеро ба зуҳур намеоварданд ҳатто Абулҳайи судур то панҷ дараҷаву шаш дараҷа маҳв ва исбот мекардаанд, ба хилофи Мулло Мираҳмади ӯроқи Дониш муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» ва Мирзо Абдурраҳими туқсоба – муншии Пешкӯҳӣ ва Мирзо Азим мирохур Сомӣ – муншии Бӯстонӣ ва Мирзо Қобил мирохури Ғиҷдувонӣ ва чанде дигар забардастони ин ҳунар буданд, ки мӯҳтоҷи мусовада намегаштанд. Алқисса китобат ва заковат, фасоҳат ва балоғат гӯё вақфи мо авлоду хоназоди мо тоифа буда, лекин:

*Тӯқумтабиатон ҳама дар авҷи толеанд,*
*Эӣ равшании табъ ту бар ман бало шудӣ.*

гӯён аз толеи худ менолидам, гоҳе бад-ин мисроъ, ки ҳар киро ин диҳанд он надиҳанд, хешро тасаллӣ менамудам» (3, с.138-139).

Аз маводи китоб бармеояд, ки санъати хаттотӣ дар ин давра густариш намуда, адибони хушнавис, хоса дар навиштани хати шикаста, насх ва настаълиқ маҳорати зиёд доштаанд.

Дар асар роҷеъ ба шахсиятҳои сиёсиву фарҳангӣ ва адабии замон ба таври мустанад ва мушаххас маълумот фароҳам омадааст, ки ин амр арзиши адабӣ ва таърихии китобро бештар месозад. Дар ин маврид аз тавсифи зиёде истифода шудааст. Масалан, «…умдат-ул-афозил, зубдат-ул-амосил, фахр-ул-уламо, зайн-ул-фузало, афзал-ул-мутааххирин, акмал-ул-мутабаҳҳирин, садоратҷоҳ, фақоҳатогоҳ Мулло Иноятуллоҳ-махдуми Судур мударриси муфтӣ, фарзанди аршади ҳақоиқ-ул-

уламо, фазилатпаноҳ Қозӣ Кароматуллоҳ-махдуми марҳум ҷадди уммии роқими савод, ки дар айёми таҳсил ва овони такмил миналхавос вал авом машҳур ба алсинаи ҷумҳури аноми мазкур, баргузидаи холиқ, муҳтарам назди халоиқ, дар талоқати лисон ва фасоҳати баён мумтоз, дар хубии ахлоқ ва ҳусни ишфоқ беанбоз, мусаллами аҳли замон, муқаддами фузалои даврон, дар латофати табъ ва саломати вазъ мавсуф, дар улувви ҳиммат ва сафои тинат маъруф ба қабули ҷамеи фирақ матбӯи ҷумлаи табоеъ, дар шеъру муаммоёбӣ ва суҳбаторой ва ҳалли мушкилоти абёти муғлақа ва шатранҷбозӣ ва бадеҳагӯӣ беназир, дар татаббӯи аҳодиси набавия ва тараддуди масоили фиқҳия беҳамто, дар боби ҳусни хат ва суръати китобат ва зебоии тақрир нисбат ба ҷамеи муосирин бал аксари мутақаддимин ӯро яди байзо то ба ҳадде, ки дар овони таҳсил чун падари бузургвори худ аксару ағлаб дар як шаб як мухтасари виқоя дар ғояти зебой ва малоҳат навиштӣ ва дар он рӯз самани онро сарфи омадшуди аҳбоб намудӣ» (3, с.133).

Моддаи таърихӣ ва қитъаҳои таърихӣ дар «Рӯзнома»-и Садри Зиё барои муайян намудани таърихи валодату фавти суханварон ва санаҳои дақиқи воқеоту ҳодисоти он давра кӯмак мекунад.Ин навъи шеърӣ дар адабиёти форсӣ собиқаи тӯлонӣ дошта, дар бозтоби замони воқеоту ҳодисот ва таърихи валодату фавти ашхоси таърихӣ аҳамияти вижаеро дорост. Аз намунаҳое, ки мусанниф дар «Рӯзнома» ҷой додааст, аён мегардад, ки дар адабиёти нимаи дувуми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ корбасти ин навъи шеърӣ хеле роиҷ буда, шоирони зиёде дар он қувва озмудаанд. Аз ин сабаб дар «Рӯзнома» ин навъи шеърӣ хеле фаровон омада, аҳамияти сарчашмавии асарро меафзояд. Моддаи таърихе, ки дар «Рӯзнома» фароҳам омадааст, баъзеи онҳо маҳсули қалами Садри Зиё буда, бахши аъзами онҳо ба қалами суханварони дигар тааллуқ дорад, ки дар эҷоди ин навъи адабӣ шуғл варзидаанд. Хусусан, «Таърихи валиаҳдӣ аз Мирзоазим мирохур Муншии Сомии Бӯстонӣ», «Таърихи фақоҳатпаноҳ Мулло Абудулқодирхоҷаи ӯроқ», «Таърихи Мулло Иноятуллоҳхоҷаи ӯроқ», инчунин таърихи валодату марги шуаро ва чанд ҳаводиси марбут ба он замонро бозгӯ мекунанд. Ин навъи шеърӣ барои шинохти бештари вазъи замон ва ашхоси адабӣ арзиш дошта, ҳамчунин аҳамияти таърихии асарро афзун мегардонад. Дарёфти санаҳои дақиқ перомуни ин ё он ҳаводиси замон тавассути моддаи таърих аз «Рӯзнома» дар омӯзиши мароҳили ташаккул ва таҳаввулоти адабии ҳавзаи Бухоро заминаи муфиде фароҳам меоварад.

Садри Зиё дар баъзе маврид соли фавти шоиронро тавассути қитъаҳои таърихӣ ва моддаҳои таърих муқаррар месозад. Масалан, соли вафоти Шаръиро чунин зикр намудааст: «Дар он айём рубоие ба хотири фотир расида буд, ки бинобар муносибати мақом ва тавзеҳи маром дар ин ҷо қаламӣ намуда омад:

*Чун рахт бибаст з-ин ҷаҳон Ҳоҷӣ Азим,*
*Гуфтам зи дилам гирифта шуд хори алим,*
*Омад ба сарам балои Содиқ гуфтам,*
*Сад раҳмати ҳақ ба он кафандузди қадим (3,с.129).*

Дар «Рӯзнома» роҷеъ ба шоир Абдулқодирхоҷаи Савдо ба тариқи зайл маълумот оварда шуда, чанд қитъаи таърих сабт ёфтааст:

**Таърихи фақоҳатпаноҳ Мулло Абудулқодирхоҷаи ӯроқ.**

*Биҳамдуллаҳ, ки толеъ гирд омад,*
*Фалакро ростгарде гашт мӯътод,*
*Ки шуд қозӣ фариди асру овон,*
*Ба Шаҳрисабз хубӣ рӯй бинҳод.*
*Ба васфи фазл, асли хулқ мавсуф,*

*Қабули халқу хуштабъӣ худодод.*
*Ваҳиди ин замон маҷмӯаи фазл,*
*Чунин нодир надорад даҳр дар ёд.*
*Гирифтем аз қудумаш фоли некӯ,*
*Зи манни мақдамаш гаштем дилшод.*
*Зи тахти сидқи таърихаш бигуфтем,*
*Шарифулвақт бо руҳи қазо бод (3, 211).*

Ба василаи «Рӯзнома» бо баъзе лаҳзаҳои норавшани зиндагии шоирону фозилон, мақому манзалат ва ҳунари нигорандагии онҳо ошно мешавем. Маълумоти Садри Зиё дорои аҳамияти адабиву таърихӣ ва илмиву амалӣ буда, аз нуфуз ва ҳунари нигорандагии адиб шаҳодат медиҳанд. «Рӯзнома»дар таъйини масъалаҳои мубрами замон ва адабиёт, сабку салиқаи намояндагони ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр дар асрҳои XIX-XX ба сифати сарчашмаи мӯътамад хидмат мекунанд.

**_Пайнавишт:_**


1. *Дониш, Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития.– Душанбе: Сарват, 1992.–98 с.*
2. *Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асгари Ҷонфидо.–Душанбе: Дониш, 1975.–369 с.*
3. *Рӯзнома. Вақоеънигории таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии амороти хоноти мангит бар асоси ёддоштҳои рӯзномаи Шарифҷон махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро. Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.–Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажуҳишӣ, 1382.–500 с.*
4. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон. Бо тасҳехи Саҳобиддини Сиддиқ. Бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ. Чопи аввал. – Теҳрон: Суруш, 1380-2001. -428 с.*
5. *Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Наводири Зиёия. Таҳияи М. Шукуров ва С. Сиддиқов.–Душанбе: Адиб, 1991.–128 с.*
6. *Табаров С. Мунзим.–Душанбе: Ирфон, 1991.–152 с.*


**_Reference Literature:_**


1. *Donish, Ahmad. Treatise or Essay from the History of Manghyts` Dynasty. - Dushanbe: Sarvat (Wealth), 1992. – 98 pp.*
2. *Muhtaram, Hoji Ne`matulloh. Tazkirat-ul-shuaro (Poetical Anthology). Revision and introduction by Asghari Johnfido. - Dushanbe: Knowledge, 1975. – 369 pp.*
3. *Newspaper. Realization of Social-Political Bukhara Noble Development in the Period of the Collapse of Manghyts` Dynasty as Expounded in Reminiscences Written in «Ruzname» by Sharifjohn Makhdumi Sadri Ziyo Being the Last Chief* ***Kaziy*** *of Bukhara. Exploration and Research of Muhammadjohni Shakurii-the-Bukharin. –Tehran: The Centre of Documents and Research Service, 1382 hijra. – 500 pp.*
4. *Sadri Ziyo, Sharifjohn Makhdum. Poetical Anthology. Autobiographies of some Poets of Modern Tajikistan and a Number of Patterns from their Poems. Corrected by Sahobiddin Siddiq and complicated by Muhammadjon Shakurii Bukhoroi. The first Edition. – Tehran: Surush, 1380 hijra, -2001. – 428 pp.*
5. *Sadri Ziyo, Sharifjohn Makhdum. Ziyo`s Rare Pieces of Poetry. Revised by M. Shukurov and S. Siddikov. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1991. – 128 pp.*
6. *Tabarov S. Poem. – Dushanbe: Cognition, 1991. – 152 pp.*